Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА- 018-
и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

Тадқиқоти диссертатсионии М.Н. Муминзода дар мавзуи мубрами ҳуқуқшиносӣ омода шудааст. Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ буда, аз тарафи давлат таъмин карда мешавад. Вале ба назар мерасад ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии нафароне, ки аз рӯи даъват хизмати ҳарбиро адо мекунанд, ба маҳдудиятҳо дучор мешаванд. Дар ин шароит тадқиқоти илмии назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ва шарҳу тавзеҳи тафовути ҳуқуқи конститутсионӣ ва уҳдадории шаҳрвандӣ хеле саривақтӣ аст.

Муаллиф методология, назария, меъёр ва усулҳои эмперикии тадқиқотро ба пуррагӣ ошкор карда, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи тадқиқотро, ки сохтори диссертатсияро муайян кардаанд, таҳия намудааст. Мавод дар автореферат мантиқӣ ва пайдарпай оварда шудааст, ки ба хулосаи он барои муваффақ шудан ба мақсад ва вазифаҳои тадқиқотии диссертатсионӣ имкон медиҳад. Натиҷаҳои асосии илмӣ дар мақолаҳои илмии дар автореферат зикршуда аз ҷониби диссертант дар нашрияҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, дар конференсияҳои бонуфузи ҷумҳуриявию байналмилалӣ баромад карда шудааст.

Хулосаҳо ва муқаррароти дар автореферат овардашуда навовариҳои илмӣ дошта, татбиқи онҳо барои беҳтар шудани даъват ба хизмати ҳарбӣ мусоидат мекунад. Муносибати консептуалии муаллиф ба уҳдадории ҳарбӣ, ки ба асоси арзиши ахлоқии он нигаронида шуда, дар асоси таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ муайян кардани тамоюлҳои ояндадор ва таҳияи асосҳои консептуалӣ ба даст омадааст, ҷолиб мебошад.

Муҳимиятҳо ва навгониҳои илмӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти М.Н. Муминзодаро на танҳо ҳамчун таълимоти назариявӣ ғанӣ мекунад, балки метавонад дар қонунсозӣ ва татбиқи ҳуқуқ, ки ба рушди институти уҳдадории ҳарбӣ вобаста аст, истифода шавад.

Таваҷҷуҳи муаллиф ба мушкилоти таносуби маҳдудиятҳои ҳуқуқу озодиҳоми инсон, ки бо инстути уҳдадории ҳарбӣ дар заминаи бақайдгирии ҳарбӣ, даъват ва хизмати ҳарбӣ вобсата аст аз ҷониби муаллиф ба таври муфассалмавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферат муаллиф баъзе лаҳзаҳои баҳсбарангез вуҷуд дорад, ки дар шарҳи нисбатан муфассалро талаб менамояд:

1) пӯшида нест, ки дар тули якчанд сол баҳсҳо дар бораи бекор кардани уҳдадории ҳарбӣ хеле зиёд шудааст. Мундариҷаи автореферат дурнамои таносуби усулҳои иҷрои уҳдадории ҳарбиро аз рӯи шартнома ва даъват чандон хуб тавзеҳ надодааст.

2) таҳлили таносуби маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои конститутсионии хизматчиёни ҳарбӣ, инчунин, кафолатҳои кофии қонунии чунин ҳуқуқҳо дар автореферат ба таври кофӣ инъикос наёфтааст.

Шояд дар диссертатсия ин мушкилот ба таври муносиб тавзеҳ дода шуда бошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳи арзанда иҷро шуда, автореферат аз навгонии илмӣ бархӯрдор мебошад. Дар бораи методологияи таҳқиқот, сохтори кор, пойгоҳи эмпирикӣ ягон эроди ҷиддӣ

нест. Маводҳои нашркардаи муаллиф ба муҳтаво ва мазмуни таҳқиқот мувофиқат мекунанд.

Хулосаҳои назариявӣ, пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалии дар рисола мавҷудбуда метавонанд дар раванди такмили қонунгузорӣ ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода шаванд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон, н.и.ҳ., Алиев Фаррух Шарифович

Имзои Алиев Ф.Ш. тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Пирзода С.С.

13.09.2024

Суроғаи муқарриз: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Тел.: +992(37) 234-83-46, Email: mail@ddtt.tj; tguk@mail.ru www: www.tguk.tj